## Шарҳи моҳонаи таваррум • ОКТЯБРИ 2025

**Дар моҳи октябри соли 2025 сатҳи таваррум[1] 0,4 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин моҳи соли гузашта 0,2 банди фоизӣ (б.ф.) зиёд мебошад.**

### Таваррумии хӯроквориӣ

Дар сохтори таваррумии моҳона нархи маҳсулоти хӯроквориӣ бинобар таъсири омилҳои мавсимӣ ба андозаи 0,4 фоиз (саҳм дар таваррум 0,2 б.ф.) раванди болоравиро касб намуд. Нишондиҳандаи мазкур асосан аз ҳисоби қиматшавии нархи помидор 21,0 фоиз, бодиринг 13,9 фоиз, тарбуз 9,4 фоиз, харбуз 4,0 фоиз, тӯшбера 2,0 фоиз, гӯшти гӯсфанд 1,8 фоиз, гӯшти гов 1,1 фоиз, гӯшти мурғ 0,2 фоиз ва ғайра ба қайд гирифта шуд.

Ҳамзамон, дар ин давра поёнравии нархи пиёз 13,9 фоиз, карам 10,7 фоиз, лимӯ 4,1 фоиз, ангур 1,0 фоиз, равғани пахта 0,7 фоиз, сабзӣ 0,6 фоиз, нок 0,5 фоиз, орди навъи якум 0,1 фоиз ғайра ба назар расид.

### Таваррумии ғайрихӯроквориӣ

Дар сохтори таваррумии моҳона нархи молҳои ғайрихӯроквориӣ, ба андозаи 0,4 фоиз (саҳм дар таваррум 0,2 б.ф.) раванди болоравӣ дошт, ки асосан аз ҳисоби афзоишёбии нархи гази моеъ 5,6 фоиз, бензин 3,1 фоиз, маҳлулкунанда (атсетон) 2,3 фоиз, равғани муҳаррик 1,9 фоиз, сӯзишвории дизелӣ 1,7 фоиз, либос ва пойафзол 0,3 фоиз, маводи доруворӣ 0,1 фоиз мушоҳида гардид.

### Таваррумии хизматрасонӣ

Арзиши хизматрасониҳои пулӣ, ки ба аҳолӣ расонида мешавад, дар моҳи баррасишаванда 0,2 фоизро (бо саҳми ночиз) ташкил намуд, ки асосан аз ҳисоби болоравии нархи хизматрасониҳои маориф 0,8 фоиз, коммуналӣ 0,4 фоиз, маишӣ 0,4 фоиз ба амал омад.

**Таваррумии моҳона ва солона, бо фоиз**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Тағйирёбии нархи маҳсулоти асосии хӯроквориӣ дар моҳи октябри 2025, бо фоиз** (манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Таваррум аз рӯи саҳм солона, бо фоиз**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



**Сатҳи таварруми солона бошад, дар моҳи октябри соли ҷорӣ 3,1 фоизро ташкил намуд, ки дар муқоиса ба ҳамин моҳи соли гузашта 0,5 б.ф. кам мебошад.**

Дар моҳи октябри соли 2025 сатҳи таварруми солона дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа, аз ҷумла Туркия 32,9 фоиз, Қазоқистон 12,6 фоиз, Ӯзбекистон 7,8 фоиз, Россия 7,7 фоиз, Беларус 6,9 фоиз, Гурҷистон 5,2 фоиз, Арманистон 3,7 фоиз ба назар расид.

Сатҳи таварруми аслӣ, ки қисман омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи октябри соли ҷорӣ 0,3 фоизро ташкил дода, бо арзёбии солона ба 1,6 фоиз баробар гардид.

**Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади нигоҳдории сатҳи муътадилии нархҳои дохилӣ ва пешгирии фишорҳои таваррумӣ, сиёсати самараноки пулию қарзиро идома хоҳад дод.**

**Сатҳи таваррум дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа (бо фоиз)** (манбаъ: Мақомоти омори давлатҳо)




[1] - тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

| Намояи нархҳои истеъмолӣ (таварруми солона бо фоиз)* | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Вазн,% | 2024 | | | | 2025 | | | | | | | | | | Октябр, тағйирёбии моҳона бо % |
| | | Март | Июн | Сен | Дек | Янв | Фев | Мар | Апр | Май | Июн | Июл | Авг | Сен | Окт | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ** | **100,0** | **3,6** | **3,5** | **3,1** | **3,6** | **3,5** | **3,6** | **3,4** | **3,6** | **3,8** | **3,6** | **3,4** | **3,1** | **2,8** | **3,1** | **0,4** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **48,6** | **1,8** | **1,5** | **0,6** | **2,5** | **3,1** | **3,1** | **3,1** | **3,0** | **3,6** | **4,1** | **4,5** | **3,7** | **3,1** | **3,5** | **0,4** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 17,4 | 7,6 | 6,0 | -0,1 | -1,2 | -1,2 | -1,0 | -3,2 | -4,7 | -5,9 | -5,7 | -5,1 | -3,7 | -3,0 | -1,8 | 1,0 |
| Биринҷ | 1,7 | 36,6 | 8,8 | 6,2 | 9,3 | 9,5 | 6,0 | 5,1 | 1,6 | 0,5 | 0,7 | -0,8 | -1,4 | -2,6 | -3,0 | 0,1 |
| Орд | 3,8 | -2,2 | 6,8 | -5,5 | -8,9 | -9,8 | -9,3 | -11,0 | -11,7 | -13,2 | -13,2 | -13,0 | -14,4 | -13,1 | -12,4 | -0,2 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 6,9 | 6,0 | 7,1 | 12,5 | 16,6 | 15,3 | 15,4 | 15,6 | 15,1 | 15,3 | 15,1 | 14,1 | 13,9 | 13,8 | 11,2 | 0,8 |
| Гӯшти гов | 3,1 | 9,0 | 11,2 | 20,1 | 28,5 | 25,3 | 24,8 | 24,7 | 24,2 | 25,1 | 25,0 | 23,2 | 21,9 | 20,8 | 15,9 | 1,1 |
| Тухм | 1,5 | -21,9 | -26,9 | -9,2 | 5,8 | 7,7 | 3,9 | 10,1 | 9,7 | 16,9 | 22,1 | 26,0 | 10,4 | 7,7 | 9,6 | 1,5 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 2,7 | 6,3 | 7,9 | 10,0 | 9,7 | 4,7 | 4,0 | 5,5 | 5,1 | 5,9 | 5,6 | 4,2 | 3,7 | 3,8 | 4,7 | 1,4 |
| Шир | 0,7 | 0,1 | 4,0 | 13,0 | 5,8 | 5,8 | 5,0 | 9,3 | 10,4 | 11,3 | 10,5 | 11,1 | 9,6 | 5,3 | 7,4 | 2,5 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 3,7 | -21,7 | -3,3 | 0,1 | 15,8 | 13,5 | 14,1 | 14,4 | 16,5 | 19,0 | 15,0 | 12,2 | 11,8 | 11,1 | 10,0 | -0,3 |
| Меваҷот | 2,4 | 28,2 | 23,1 | 0,3 | -9,7 | -12,1 | -11,7 | -7,4 | -9,6 | -11,9 | -15,4 | -10,3 | -4,2 | -2,7 | 0,5 | 0,5 |
| Сабзавот | 7,1 | -13,8 | -13,4 | -11,9 | -2,4 | 2,2 | 4,2 | 7,4 | 9,9 | 17,7 | 24,1 | 23,2 | 13,6 | 8,1 | 8,8 | -1,1 |
| Шакар | 1,3 | 32,9 | -0,8 | -1,4 | -9,5 | -8,4 | -8,7 | -9,7 | -8,4 | -8,8 | -8,1 | -8,8 | -8,6 | -9,4 | -8,1 | 0,3 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,3 | -8,1 | -8,2 | -0,5 | -3,5 | 5,2 | 3,7 | 0,7 | 0,9 | 0,7 | 0,9 | 0,2 | 0,6 | 0,9 | 0,8 | 0,0 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **1,0** | **9,0** | **6,3** | **6,3** | **10,9** | **5,9** | **5,2** | **5,9** | **7,4** | **10,5** | **13,1** | **13,7** | **13,7** | **14,6** | **8,7** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **0,8** | **3,0** | **4,5** | **5,7** | **9,4** | **9,5** | **9,4** | **9,4** | **9,4** | **8,4** | **7,9** | **5,7** | **5,4** | **5,5** | **3,3** | **0,6** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **38,4** | **6,0** | **5,3** | **5,5** | **4,0** | **3,7** | **4,0** | **3,7** | **3,6** | **3,3** | **2,3** | **1,7** | **1,6** | **1,0** | **1,4** | **0,4** |
| Либос ва пойафзол | 11,8 | 5,1 | 4,1 | 1,8 | 1,4 | 1,7 | 1,8 | 2,2 | 1,7 | 1,2 | 1,4 | 1,8 | 2,9 | 3,2 | 2,6 | 0,3 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 2,7 | 7,4 | 4,6 | 4,0 | 4,1 | 4,2 | 4,3 | 0,8 | 0,8 | 0,8 | 0,1 | 0,6 | 1,0 | 1,6 | 1,6 | 0,0 |
| Маводи шустушӯй | 1,1 | -1,3 | -1,1 | 2,6 | 1,5 | 0,9 | -0,7 | -1,9 | -1,9 | -2,8 | -2,6 | -1,8 | 1,5 | 2,7 | 2,7 | 0,0 |
| Доруворӣ | 1,8 | 11,8 | 9,6 | 10,5 | 7,6 | 7,5 | 7,2 | 7,2 | 7,1 | 6,9 | 2,9 | 2,9 | 1,5 | 1,4 | 0,4 | 0,1 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,7 | 23,6 | 12,8 | 6,5 | 1,0 | 0,6 | 1,0 | -0,1 | -1,0 | -1,3 | -3,6 | -13,4 | -17,4 | -20,0 | -15,3 | 3,4 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,9 | 12,5 | 15,1 | 17,0 | 6,8 | 0,2 | 0,0 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | -0,6 | 0,0 |
| Васоити нақлиёт | 4,8 | 12,7 | 12,1 | -0,8 | -0,3 | -0,3 | -0,3 | -0,3 | 0,5 | 0,5 | 0,5 | 1,7 | 0,9 | 0,9 | 0,8 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,6 | 3,4 | 4,3 | 2,6 | 2,7 | 2,4 | 2,4 | 1,5 | 1,6 | 0,7 | 0,7 | 0,9 | 1,0 | 1,0 | 1,0 | 0,0 |
| **Хизматрасониҳо** | **13,0** | **4,6** | **5,6** | **5,4** | **4,8** | **3,7** | **4,0** | **3,3** | **5,2** | **5,2** | **4,2** | **4,1** | **3,8** | **5,3** | **5,6** | **0,2** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 4,2 | 9,6 | 8,7 | 8,5 | 7,8 | 2,2 | 2,5 | 2,1 | 8,3 | 8,2 | 7,8 | 6,7 | 5,7 | 10,1 | 10,6 | 0,4 |
| Иҷорапулии манзил | 0,7 | 2,2 | 3,3 | 3,5 | 4,9 | 7,6 | 7,6 | 7,9 | 7,8 | 6,7 | 6,8 | 6,8 | 6,6 | 6,7 | 5,3 | 0,0 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,5 | 1,1 | 1,1 | 1,4 | 2,1 | 4,0 | 5,3 | 5,3 | 5,3 | 5,2 | 5,2 | 5,2 | 5,2 | 45,0 | 44,0 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 1,6 | 14,8 | 14,5 | 14,3 | 14,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 15,0 | 15,0 | 14,1 | 14,2 | 14,2 | 13,9 | 13,9 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 0,4 | 55,5 | 44,0 | 17,4 | -0,1 | -0,5 | 0,7 | -1,0 | 0,5 | 1,9 | 0,3 | -16,6 | -25,3 | -29,3 | -23,8 | 3,5 |
| Нақлиёт | 2,3 | -2,1 | 0,3 | 2,0 | 2,4 | 1,4 | 0,4 | 0,9 | 1,5 | 1,7 | 1,4 | 1,0 | -0,1 | -0,3 | 0,2 | -0,3 |
| Алоқа | 1,5 | -1,4 | -1,3 | -1,3 | -1,3 | 4,2 | 4,7 | 7,5 | 7,5 | 7,5 | 7,5 | 7,5 | 7,5 | 7,6 | 7,6 | 0,0 |
| Маориф | 0,7 | 3,6 | 3,6 | 1,7 | 0,6 | -0,2 | -0,1 | -0,1 | -0,1 | -0,1 | -0,1 | -0,1 | -0,1 | -0,3 | 1,3 | 0,8 |
| Тандурустӣ | 0,5 | 3,7 | 3,7 | 2,8 | 3,7 | 0,2 | -0,7 | -1,8 | -3,0 | -3,0 | -3,0 | -3,1 | -2,2 | -2,2 | -2,2 | 0,0 |
| Маишӣ | 3,0 | 6,6 | 9,9 | 8,9 | 7,0 | 5,6 | 6,4 | 6,4 | 5,1 | 5,1 | 2,6 | 3,8 | 4,1 | 5,2 | 5,4 | 0,4 |

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо